**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар мавзуи «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ)**

Вожаҳо ба ҳайси воҳиди асосии луғавӣ барои ифодаи маъно дар забон накши муҳим дошта, вобаста ба услуб ва мавридҳои нутқ доира ва дараҷаҳои гуногуни истеъмолӣ пайдо мекунанд. Калимаҳо бо тамоми тобишҳои маъноӣ, лексикию семантикӣ ва робитаҳои грамматикии худ дар забони назму наср накши боризе дошта, меҳвари асосии он ба шумор мераванд. Дар баробари ин, ҳунару истеъдоди зотӣ ва таҷрибаю мушоҳидаи тамоми ҳаводиси табиию воқеоти олам аз ҷониби ашхоси сухансанҷу эҷодкор низ барои баёну ифодаи муассиру образнок муҳим арзёбӣ мегардад. Адибону нависандагон ҳамчун шахси эҷодкор ба олами беинтиҳои вожаҳо чун заршинос бояд хеле нозукбинона муносибат карда, вожаҳоро бо дидаи суханшиносона бар тарозуи хираду фаҳмиш ва биниши худ баркашад.

Калимасозӣ яке аз роҳҳои асосии такомули таркиби луғавии забони адабӣ ба шумор меравад. Ба туфайли калимасозӣ забон предмету ҳодиса ва мафҳумҳои навро ифода карда, мубодилаи афкори мардумро осон мегардонад. Ҳар як ҳиссаи нутқ, аз ҷумла исм гурӯҳи луғавию дастурии калимаҳо пешванду пасвандҳо ва тарзҳою қолабҳои махсуси калимасозӣ дорад. Роҳҳои калимасозӣ, ба хусус роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин аз он орӣ набуда, барои дарки амиқи моҳияту пешрафти як соҳаи муҳимми илми забоншиносии тоҷик аҳаммияти бузурги илмӣ ва амалӣ дорад. Ба ин маънӣ, мавзуи мавриди таҳқиқ бидуни шакку шубҳа хеле мубрам ва саривақтӣ ба шумор меравад. Ҳарчанд дар бобати роҳҳои калимасозии исм дар илми забоншиносии тоҷик баъзе корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом дода шуда бошад ҳам, вале дар хусуси роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин таҳқиқоти алоҳида ба назар намерасад. Диссертатсияи Тоирзода Абдусаломи Раҳим дар ин соҳа иқдоми ҷиддие ба шумор рафта, самараи кӯшишу талошҳои илмӣ ва заҳмати зиёди ӯ дар ин самт аст. Ин вазифаи муҳим ва масъулиятнокро диссертант ба уҳда гирифта, тавонистааст аввалин шуда, дар асоси маводи зиёд вижагиҳои муҳимми роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳинро ҳамчун рисолаи илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашад.

Диссертатсия фарогири муқаддима, се боб (бо фаслҳо), хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқ мебошад.

Дар мукаддима муаллиф обзори мухтасари таҳқиқи асарҳою мақолаҳои марбут ба роҳҳои калимасозии исмро дода, якчанд масъалаи марбут ба мавзуъ, масъалаи калимасозии исмро дар осори Шамсиддин Шоҳин, нишон додани роҳҳои калимасозии исм, сохтори сарфии калимасозии исм, дериватсияи дубора ва сохтори субстантивҳоро дар осори Шамсиддин Шоҳин аз нуқтаи назари илми забоншиносӣ бо дигар асарҳои илмӣ андоза намудааст, ки ин аҳамияти диссертатсияро боз дучанд афзудааст.

Боби якуми диссертатсия "Таҳқиқи тарзи калимасозии морфологӣ дар осори Шамсиддин Шоҳин" ном дошта, аз ду фасл ва 5 зерфасл иборат аст. Боби мазкур ба масъалаи калимасозии пешвандиву пасвандии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф масалаҳои назариявии калимасозиро дар илми забоншиносӣ  ва роҳи морфологии калимасозии исмро мавриди таҳқиқ ва мубоҳиса қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия "Калимасозии исм тавассути дериватсияи дубора, усули пешвандию пасвандӣ, транспозитсия (субстантиватсия) ва тарзи аффиксоидӣ" ном дорад. Боби мазкур аз панҷ фасл (бо зерфасл) иборат мебошад. Дар ин боб дар бахши муқаддимотӣ доир ба масъалаҳои мухталифи калимасозии исм: дериватсияи дубора, усули пешвандию пасвандӣ, нақши роҳи калимасозии коверсиалӣ (роҳи морфологию синтаксисии калимасозӣ), дар калимасозии исм аз тариқи аффиксоидҳо сохта шудани исмҳои нав баррасиҳо анҷом дода шудааст.

Боби сеюми рисола "Калимасозии исмҳои мураккаб дар осори Шамсиддин Шоҳин" унвон дорад. Унвонҷӯ боби мазкурро ба шаш фасл ҷудо кардааст. Дар ин қисмати кори диссертатсионӣ унвонҷӯ дар навбати аввал нуқтаи назари забоншиносонро доир ба ҷойгоҳ, хусусиятҳои калимсозӣ ва усули сохташаваии калимаҳои мураккаб омӯхта, сари масъалаи мазкур андешаҳои худро низ баён кардааст.

Дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи муфассалу амиқи диссертатсия ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин аз нигоҳи интишор ва доираи истеъмол қотеона нишон дода, барои таҳқиқи минбаъдаи осори Шамсиддин Шоҳин, ба вижа роҳҳои калимасозии исм тавсияҳо диҳад. Диссертатсия дар маҷмуъ, ба муҳаққиқон таассуроти хуб мебахшад. Ба муаллиф ҳалли масъалаҳое, ки ҳамчун мақсад ва ҳадафи диссертатсия қарор гирифтаанд, пурра муяссар гардидааст. Дар диссертатсия бори нахуст дар илми забоншиносии тоҷик роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин ба сурати яклухт ва системанок мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Бо вуҷуди ин дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Аз баски кори илмӣ худ дар диссертатсия таҳқиқу баррасӣ мегардад, унвони мавзуъ “Калимасозии исм дар осори Шоҳин” бошад, кифоя аст.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои хусусияти имлоӣ ва китобатӣ дида мешавад (11, 17).

Камбудиҳои мавҷудаислоҳшаванда буда, арзиши илмию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳад. Муаллиф аз анбуҳи афкори мухталиф ҷавҳареро кашида, тавонистааст, ки роҳҳои калимасозии исмро дар осори Шамсиддин Шоҳин ба таври илмӣ исбот намояд.

Аз ин рӯ, бо итминон метавлн натиҷигарӣ кард, ки автореферати диссерататсия мазмуну муҳтавои кори таҳқиқотии Тоирзода Абдусаломи Раҳимро дар мавзуи «Баррасии роҳҳои калимасозии исм дар осори Шамсиддин Шоҳин» ба пуррагӣ инъикос намуда, он таҳқиқоти мукаммали баанҷомрасида ҳисобида мешавад. Диссератант бо пешниҳоди ин пажуҳиш сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 - Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ) мебошад.

Муқарризи ғайрирасмӣ
доктори илмҳои филологӣ,
профессор, президенти
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Муҳаммаддовуд Саломиён

*“Имзои профессор*
*М. Саломовротасдиқ мекунам*
нозири кадрҳои АТТ Саидова М.
«19» феврали соли 2024

**Нишонӣ:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи кӯчаи А. Адҳамов – 11/2
телефон +992 918 80 84 67
E-mail: salomov1967@mail.ru